**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Барномаи таълими фанни**

# «ТЕХНОЛОГИЯ»
## (таълими меҳнат)

барои синфҳои 9 – 10-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ
(мавзӯъҳои иловашуда)

Душанбе
2017

Лутфуллоева П., Рӯзиева М. **Барномаи таълими фанни «ТЕХНОЛОГИЯ» (таълими меҳнат)** барои синфҳои 9 – 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (мавзӯъҳои иловашуда). Душанбе, 2017. 16 саҳ

**Муҳаррирон:** академики АТТ - Қодиров Қ. Б.,
н. и. ф, досент Аминов С.

Ба матбаа 10.05.2017 супорида шуд.
Ба чоп 22.06.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16/. Ҷузъи чопии шартӣ 1,0
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13а
Тел.: 227-48-09. E-mail: mmarkaz@list.ru

# ТАВЗЕҲОТ

Мавзӯъҳои иловашаванда ба барномаи таълими фанни «Технология» (таълими меҳнат) барои хонандагони синфҳои 9 – 11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар омӯхтани ҳунарҳои миллӣ тартиб дода шудааст.

Халқи тоҷик маданияти бой ва таърихи қадима дорад. Бозёфтҳо аз он дарак медиҳанд, ки ҳунармандони кишварамон аз қадим дар касби санъат ва меҳнат маҳорати хеле баланд доштаанд, ки то имрӯз тасвираҳои онҳо аҳамияти худро гум накардаанд ва тамоми дунё аз ин санъати воло бохабар гаштааст. Ҳунармандони номии халқи тоҷик анъанаҳои аҷдоди худро сайқал дода, асарҳои нодир аз худ боқӣ гузоштаанд. Омӯзишу таҳқиқи таърихи касбу ҳунарҳои ниёгонамон моро ба хулосае овард, ки давом додани кори онҳо ниҳоят зарур мебошад. Истиқлолияти давлатӣ моро водор месозад, ки ба ҳунарҳои мардумӣ, махсусан ба касбҳои кашидадӯзӣ сӯзанидӯзӣ, тоқидӯзӣ, қолинбофии дастӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намоем ва мавқеи ҳунарҳои мардумиро дар тамаддуни ҷаҳонӣ аниқ созем.

Мақсади омӯзиши таълими меҳнат дар зинаи мактаби асосӣ хонандагонро бо донишҳои техникию технологӣ, бо маданияти меҳнат ошно намудан ва барои интихоби касби ояндаи хонандагон роҳ кушодан ва раванди касбии онҳоро муайян намудан аст.

Солҳои охир барои омӯзонидани ҳунарҳои миллӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаашон таъкид менамоянд, ки омӯхтани ҳунарҳои миллӣ барои ҷавонон, хусусан дар шароити имрӯз шарт ва зарур аст.

Аз нав эҳё намудани ҳунарҳои миллӣ (сӯзанидӯзӣ, тоқидӯзӣ, ҷиҳакдӯзӣ-шероза ва ғайра) дар шароити имрӯза талаботи замон аст. Барои ҳамин бо назардошти

хусусиятҳои синну сол хонандагон бояд вазифаҳои зеринро, ки барои омӯзиши ҳунарҳои миллӣ ва касбомӯзӣ заруранд, ба назар гиранд ва иҷро намоянд:

- ташаккули маҳорат ва малакаи меҳнатӣ, дониши техникиву технологӣ ва шиносоии онҳо бо касбу ҳунарҳои миллӣ, майлу хоҳиш ба интихоби бошууронаи касб;
- инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон дар раванди таълим;
- мувофиқ намудани малакаҳои умумимеҳнатӣ бо донишу маҳорати махсуси технологӣ;
- тарҳи тарбиявӣ, ташаккулдиҳӣ ва роҳнамоӣ доштани таълими меҳнат;
- ташаккули эҷодии донишҳои техникию технологӣ ва иҷрои амалии онҳо;
- ба роҳ мондани фаъолияти амалии хонандагон, ки ба истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ равона гаштааст, инчунин фаъолияти онҳо берун аз муассисаи таълимӣ ва ба даст овардани музди меҳнат;
- тарбияи меҳнатдӯстӣ, талабот ба меҳнат, эҳтиром ба аҳли меҳнат, муносибати ғамхорона ва эҳтиёткорона ба табиат ва дастовардҳои ҷамъиятӣ;
- ташаккули малакаю маҳорат, донишҳои техникию технологӣ ва иқтисодии хонандагон барои фаъолияти пурсамару созандаи онҳо дар меҳнати ҷамъиятӣ;
- шиносонидани хонандагон ба соҳаҳои иқтисодиёт ва тамоми намудҳои касбу ҳунар;
- ташаккули малакаҳои эҷодӣ ва тафаккури техникии хонандагон дар раванди фаъолияти амалии онҳо;
- тарбияи завқи зебоиписандӣ.

Мақсади ба фанни технология замима гардидани мавзӯъҳои марбути ҳунарҳои миллӣ он аст, ки хонандагон бо ҳунарҳои сӯзанидӯзӣ, тоқидӯзӣ, ҷиҳакдӯзӣ, кашидадӯзӣ, қолинбофии дастӣ шинос шуда, ҳамзамон онҳоро омӯзанд. Масалан, маҳфили кашидадӯзӣ, ҳамчун

воситаи тарбияи эстетикию меҳнатӣ хизмат намуда, ба хусусиятҳои касбии шахсият, ки барои фаъолияти меҳнатӣ заруранд, таъсири мусбат мерасонад.

Дар тайёрии касбии хонандагон нақши асосиро машғулиятҳои кашидадӯзӣ, санъати ороишӣ-амалӣ қолинбофии дастӣ мебозанд, ки аз хонандагон фаъолнокӣ, ҳисси биноӣ, тасаввурот, дониш ва маҳорату малакаро талаб мекунад.

Ташкили таълими чунин намуди ҳунарҳои мардумӣ дар маҳфилҳо хонандагонро ба санъати ороишӣ-амалӣ ошно сохта, барои фаро гирифтани омӯзонидани маҳорати кашидадӯзӣ ҳидоят менамояд.

Вале қайд кардан бамаврид аст, ки якчанд намунаи ҳунарҳои миллӣ, аз қабили сӯзанидӯзӣ, чиҳакдӯзӣ, тоқидӯзӣ, кашидадӯзӣ ва қолинбофии дастӣ пешниҳод шудаанд ва барои омӯзиши ҳар як мавзӯъҳои машғулият ба миқдори 14 - соатӣ пешниҳод шудааст. Барои омӯзиш ва пурра аз худ кардани ҳамаи машғулиятҳои пешниҳодшуда соати мазкур имкон намедиҳад. Бинобар ин хуб мешуд, агар устодони соҳибтаҷриба як намуди ин ҳунарҳоро мувофиқи имкониятҳо ва шароити маҳал интихоб карда, дар як синф, масалан, дар синфи 9 ва 10 меомӯзониданд.

Инчунин, пешниҳод мешавад, ки хонандагони синфҳои болоӣ чун айёми солҳои шӯравӣ ба омӯзишгоҳҳо ҷалб карда шаванд. Яъне дар ҳақиқат Комбинати истеҳсолии таълимӣ (УПК) дар он замонҳо садҳо мутахассисонро дар як муддати кӯтоҳ тайёр менамуд ва хеле хуб мешуд, агар инро мо барқарор намоем. Тавассути ин комбинатҳо мо метавонем садҳо нафарро ба кор ҷалб карда, дар баробари ин садҳо мутахассисро дар оянда тайёр намоем.

## Дониш ва маҳорату малакаҳои асосие, ки бояд хонанда соҳиб гардад

**Бояд донад:**

- тарзи дӯхтани чокҳои дастиро;
- усулҳои тайёр кардани қолабро;
- усулҳо ва истифодаи ресмонро;
- ангора ва нақшу нигорҳои миллиро;
- тасвир кардани нақшу нигорҳои гуногунро;
- қоидаи ороиши маснуоти дӯхташавандаро;
- пайдарҳамии иҷрои дӯхти кашидадӯзиро;
- риояи талаботи техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиениро дар вақти кор;
- ташкили ҷои корӣ барои дӯхтани маснуот.

**Бояд тавонад:**

Ташкил намудани шароити кор, омода намудани ҷои кор, қоидаҳои маданияти меҳнат ва бехатарии корро иҷро карда тавонад.

- иҷро намудани интихоби маснуоти дӯхташаванда;
- маҳорати тайёр намудан ва ороиши кашидадӯзишуда;
- дар амал иҷро кардани ҳунари кашидадӯзӣ дар маснуот (сӯзанӣ, тоқӣ, ҷиҳак, рӯймол, зардевор, борхалта) ва ашёи рӯзгор;
- муайян намудани хосиятҳои масолеҳ ва истифодаи тасвирҳо;
- дуруст истифода бурда тавонистани лавозимот ва асбобҳои зарурӣ дар вақти кашидадӯзӣ;
- интихоб намудани тасвирҳо аз рӯи қолаб ва дар амал татбиқ карда тавонистани шаклҳои содаи нақшу нигорҳо;
- интихоб намудани ресмон ва матоъ барои кашидадӯзӣ;
- пайдарҳам дӯхтани маснуот;
- коркарди гармию намии маснуот (дарзмолкунӣ).

**Дарк намояд:**

Доир ба кашидадӯзӣ.

- инкишоф додани маданияти графикӣ, ангора ва харитаҳои технологӣ;
- усулҳои тайёр кардани маҳсулоти кашидадӯзӣ;
- усулҳои тайёр кардани ангораҳо ва қолабҳо;
- усулҳои иҷро намудани расмҳо, ангораҳо (эскизҳо), тасвир намудани нақшу нигор;
- дуруст ва бо сифати баланд дӯхтани маснуот;

**Муҳокима ронад:**

Дар бораи тарзи нақшу нигор, ангора, хелҳои матоъ, ресмон ва хусусияти он;

Дар бораи технологияи тайёр намудани маснуоти кашидадӯзӣ;

Дар бораи сифати маснуот ва хелҳои он.

**Мустақилона анҷом диҳад:**

- тайёр кардани маснуот;
- тасвир намудани ангораҳо, расмҳои пешакӣ;
- дӯхтани кӯкҳои ороишӣ;
- интихоби матоъ ва ресмон;
- коркарди гармии маснуот.

**Касбу ҳунарҳои миллӣ:**

Номгӯи маснуот: Кашидадӯзӣ бо кӯкҳо (хелҳои ороишӣ). Ҷиҳакдӯзӣ, тоқидӯзӣ ва сӯзанидӯзӣ.

**Маълумоти техникӣ**

Ташкили ҷои кор. Риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ, бехатарии меҳнат. Маълумоти мухтасар дар бораи хелҳои кашидадӯзӣ ва таърихи он. Шиносоӣ бо кашидадӯзҳои машҳур. Хусусиятҳои технологии матоъҳои истифодашаванда дар кашидадӯзӣ. Тайёр намудани матоъҳо. Номгӯи хелҳои ороишӣ (кӯкҳои ороишӣ): кӯпа, обӣ, юрма, илмоқ, чамак, қӯша, зарбӣ, ироқӣ, босма, чиндахаёл, кандахаёл, хомдӯзӣ, дурӯя,

бахия. Хелҳои ресмон ва тайёр кардани онҳо барои дӯхтан. Намуди ришта ё ресмонҳо. Тартиб додани ангораҳо, нақшҳо. Нусхагирӣ (нақшбардорӣ). Маълумот дар бораи асбоб ва таҷҳизотҳои кашидадӯзӣ. Технологияи иҷрои кӯкҳо. Вазифаи кӯкҳо ва қоидаи иҷрои он. Коркарди гармию намии маснуот (дарзмолкунӣ).

### Кори амалӣ:

Тайёр кардан, истифода бурдан ва интихоби дурусти ресмон ва матоъ. Нусхагирии кашидадӯзӣ дар матоъ. Тарзи пайдарҳам дӯхтани маснуотҳо ба тариқи кашидадӯзӣ, дӯхтани навъи хелҳо дар маснуот. Тоқидӯзӣ, сӯзанидӯзӣ. Ҷиҳакдӯзӣ (Шероза)

### Намоиш:

Намунаи кӯкҳои ороишӣ. Намунаҳои маснуоти кашидадӯзӣ.

## Нақшаи тақвимӣ
## аз фанни технология (таълими меҳнат)
## оид ба мавзӯи сӯзанидӯзӣ

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | Соат |
|---|---|---|
| 1. | Таърихи пайдоиши ҳунарҳои миллии кашидадӯзӣ. Сӯзанӣ ва намудҳои он. Сӯзанӣ ва нақшу нигорҳои миллӣ дар маҳалҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 1 |
| 2. | Намудҳои нақшу нигор ва интихоби он барои маснуоти дӯхташаванда. Намудҳои нақшу нигори миллӣ. | 1 |
| 3. | Навъҳои ришта ва матоъ. Интихоби масолеҳ (ришта, матоъ) барои дӯхтани сӯзанӣ. Маълумот доир ба рангҳо ва тайёр кардани рангҳо аз масолеҳи табиӣ. Маълумот дар бораи асбобу таҷҳизоти истифодашаванда (қайчӣ, сӯзан, дарзмол, қоғазҳои нусхабардорӣ, қалам, бӯр ва ғайра). | 1 |
| 4. | Тайёр кардани ангораи нақшу нигор барои сӯзанӣ. Намудҳои қолабҳои ангора. | 1 |
| 5. | Риояи талаботи техникаи бехатарӣ ва санитариву гигиенӣ дар рафти кор. | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 6. | Намудҳои дастидӯхт ва иҷрои он (кӯпа, обӣ, юрма, илмоқ, чамак, қӯша, зарбӣ, ироқӣ, босма, чиндахаёл, кандахаёл, хомдӯзӣ, дирӯя, бахия ва ғайра). | 2 |
| 7. | Омодасозии матоъ барои кашидадӯзӣ; нақшбардорӣ дар рӯйи матоъ. Тарзи гузаронидани накш ба матоъ. | 2 |
| 8. | Дӯхтани пайдарҳами нақшҳои сӯзанӣ аз рӯйи харитаи технологӣ. Дӯхтани нақшҳои марказӣ ва коркарди ороиши онҳо. Коркарди гирди нақшҳо ва дӯхташуда ва зинатдиҳии он. | 4 |
| 9. | Пурра дӯхтан ва ороиши сӯзанӣ. Коркарди гармию нармии маснуот (дарзмол) | 1 |
| | **Ҳамагӣ:** | **14** |

## Нақшаи тақвимӣ
## аз фанни технология (таълими меҳнат) оид ба мавзӯи шероза (ҷиҳак)

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | Соат |
|---|---|---|
| 1. | Таърихи пайдоиши ҳунарҳои миллии кашидадӯзӣ. Таърихи пайдоиши шероза. Истифодаи шероза дар маснуот. | 1 |
| 2. | Маълумот дар бораи асбобу таҷҳизоти истифодашаванда: (қайчӣ, сӯзан, ришта, болиштча, дӯкони ҷиҳакбофӣ, шона, корд). | 1 |
| 3. | Риояи талаботи техникаи бехатарӣ ва санитариву гигиенӣ дар вақти кор. | 1 |
| 4. | Интихоби масолеҳи асосӣ: шероза ва навъҳои он. Маълумот оид ба тайёр кардани асоси шероза.Тарзи бофтани асоси шероза; интихоби ресмон дар дастгоҳи дастӣ. Интихоби ранги ресмон. | 2 |
| 5. | Намудҳои нақшу нигор ва интихоби он дар маснуоти дӯхташаванда. Намудҳои нақшу нигори миллӣ. | 1 |
| 6. | Намудҳои кӯкҳои зарбӣ; тарзи дӯхти намудҳои кӯкҳои зарбӣ ва навъҳои он. | 1 |
| 7. | Интихоби ресмон барои дӯхтани намудҳои нақшу нигор дар шерозаи интихобшуда. Маълумот доир ба ранг. Интихоби ранги ресмон. | 1 |
| 8. | Дӯхтани шероза аз рӯйи нақш. Пайдарҳам дӯхтани нақшҳои интихобшуда. | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 9. | Пурра дӯхтани шероза ва ороиши он. Истифодаи маводи гуногуни ороишӣ дар шероза. | 2 |
| | **Ҳамагӣ:** | **14** |

## Нақшаи тақвимӣ
## аз фанни технология (таълими меҳнат) оид ба мавзӯи тоқидӯзӣ (дӯхтани тоқӣ бо тарзи кашидадӯзӣ)

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | Соат |
|---|---|---|
| 1. | Таърихи пайдоиши тоқӣ. Истифодаи навъҳои тоқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумот дар бораи тоқиҳо (занона ва мардона) ва намудҳои онҳо. | 1 |
| 2. | Намудҳои нақшу нигор ва интихоби он ба маснуоти дӯхташаванда. Намудҳои нақшу нигори миллӣ. | 1 |
| 3. | Интихоби матоъ барои асоси тоқӣ (канва) барои астар, матоъҳои пахтагин. Интихоби ресмон. Маълумот дар бораи ранг ва интихоби навъи ресмон ё ришта, қайчӣ, сӯзан ва ғайра. | 1 |
| 4. | Тайёр кардани ангораи нақшу нигор барои тоқӣ. Намудҳои қолабҳои ангора. | 1 |
| 5. | Намудҳои кӯкҳои зарбӣ. Тарзи дӯхти намудҳои кӯки зарбӣ (ироқӣ). | 1 |
| 6. | Дӯхтани нақшҳои гул бо кӯкҳои зарбӣ. Дӯхтани қисми асосии тоқӣ дар матои канва. Дӯхтани нақшҳои асосии кунҷҳои теппаи тоқӣ. Рангдорорӣ ва дӯхтани нақшҳо. | 4 |
| 7. | Дӯхтани кизаки тоқӣ (қисми поёни) нақшҳои асосӣ ва ёрирасон. | 2 |
| 8. | Тарзи пайваст ва коркарди қисмҳои тоқӣ. Пайдарҳам пайваст кардани қисмҳои асосӣ ва ёрирасон. Интихоби матои астарӣ ва қоғазҳои махсус, картон ва ширеш. | 2 |
| 9. | Пурра дӯхтан ва ороиши тоқӣ. Коркарди қисми поёнии тоқӣ. Ороиши тоқӣ бо маводи ёрирасон | 1 |
| | **Ҳамагӣ:** | **14** |

## Нақшаи тақвимӣ
## аз фанни технология (таълими меҳнат) оид ба мавзӯи кашидадӯзӣ

| № | Объекти кор | Дӯхтҳои ороишии истифодашаванда | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ***Давраи якуми машғулият*** | назариявӣ | амалӣ | ҳамагӣ |
| 1. | Машғулияти муқаддимавӣ. Аз таърихи кашидадӯзӣ; мавод, асбобҳо ва таҷҳизот барои кашидадӯзӣ. | | 1 | 1 | 2 |
| 2. | Кашидадӯзии рӯймолча | Чамак, юрма, хомдӯзӣ, гиреҳ, кунгура . | 1 | 1 | 2 |
| 3. | Кашидадӯзии ҷиҳак (тасма) | Ироқӣ, чамак, басма, хомдӯзӣ. | | 2 | 2 |
| 4. | Кашидадӯзии гулҳо | Ироқӣ, чамак, юрма, гиреҳ, басма, хомдӯзии ранга. | | 2 | 2 |
| 5. | Кашидадӯзии гиребони курта | ***Давраи дуюми машғулият***<br><br>Юрма, ҳашттарак, ироқӣ, гиреҳ | | 2 | 2 |
| 6. | Кашидадӯзии рӯймоли мардона | Кунгура, чамак, хомдӯзӣ | | 2 | 2 |
| 7. | Кашидадӯзии паранда ва дарахтон. Мазмуннок | ***Супориши эҷодӣ:***<br><br>Интихобӣ | | 2 | 2 |
| | | ***Ҳамагӣ:*** | 1 | 13 | 14 |

## Нақшаи тақвимӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) оид ба мавзӯи сӯзанидӯзӣ

| № | Объекти кор | Дӯхтҳои ороишии истифодашаванда | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | назариявӣ | амалӣ | ҳамагӣ |
| 1. | Машғулияти муқаддимавӣ. Аз таърихи сӯзанидӯзӣ; мавод, асбобҳо ва таҷҳизот барои сӯзанидӯзӣ. | ***Давраи якуми машғулият*** | 1 | 1 | 2 |
| 2. | Сӯзанидӯзии рӯймолча | Чамак, юрма, хомдӯзӣ, гиреҳ, кунгура | 1 | 1 | 2 |
| 3. | Сӯзанидӯзии чиҳак (тасма) | Ироқӣ, мамак, басма, хомдӯзӣ | | 2 | 2 |
| 4. | Сӯзанидӯзии гулҳо | Ироқӣ, чамак, юрма, гиреҳ, басма, хомдӯзии ранга | | 2 | 2 |
| 5. | Шиносоӣ бо техникаи сӯзанидӯзӣ | ***Давраи дуюми машғулият*** Истифодаи дӯхтҳои юрма, хомдӯзӣ, донадӯзӣ, хуҷандӣ | | 2 | 2 |
| 6. | Сӯзанидӯзии рӯймоли мардона | Кунгура, чамак, хомдӯзӣ | | 2 | 2 |
| 7. | Иҷрои ҷӯзъиёти нақши сӯзанӣ (қаламфур) | Истифодаи дӯхти басма, донадӯзии хуҷандӣ | | 2 | 2 |
| | | ***Ҳамагӣ:*** | 1 | 13 | 14 |

## Нақшаи тақвимӣ
## аз фанни технология (таълими меҳнат)
## оид ба мавзӯи дӯхтани тоқӣ аз матоъ

| № | **Номгӯи мавзӯъҳо** | Соат |
|---|---|---|
| 1. | Таърихи пайдоиши тоқӣ. Истифодаи навъҳои тоқиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумот дар бораи тоқиҳо (занона ва мардона) ва намудҳои онҳо. | 1 |
| 2. | Намудҳои нақшу нигор ва интихоби он ба маснуоти дӯхташаванда. Намудҳои нақшу нигори миллӣ. | 1 |
| 3. | Интихоби матоъ барои тоқӣ. Интихоби ресмон. | 1 |
| 4. | Тайёр кардани ангораи нақшу нигор барои тоқӣ. Намудҳои қолабҳои ангора. | 1 |
| 5. | Маълумот доир ба матоъ, ранг ва интихоби он. | 1 |
| 6. | Маълумот оид ба асбобу таҷҳизоти истифодашаванда (қайчӣ, сӯзан, ресмон, мошинаҳои дарздӯзӣ) ва ғайра. | 1 |
| 7. | Риояи талаботи техникаи бехатарӣ ва санитариву гигиенӣ дар рафти кор. | 1 |
| 8. | Намудҳои кӯк ва дарзҳои дастӣ ва мошинагӣ. Тарзи дӯхти намудҳои дарз. | 2 |
| 9. | Дӯхтани қисми асосӣ ва астари тоқии қисми болоӣ. Дӯхтани кизаки тоқӣ (қисми поёнӣ). | 2 |
| 10. | Тарзи пайваст ва коркарди қисмҳои тоқӣ. Пайдарҳам пайваст кардани қисмҳои асосӣ ва ёрирасон. Интихоби матои астарӣ ва коғазҳои махсус (картон ва ширеш). | 1 |
| 11. | Пурра дӯхтан ва ороиши тоқӣ. Коркарди қисми поёнии тоқӣ. Ороиши тоқӣ бо маводи ёрирасон. | 2 |
| | **Ҳамагӣ:** | **14** |

**Нақшаи тақвимӣ**
**аз фанни технология (таълими меҳнат)**
**оид ба мавзӯи қолинбофии дастӣ**

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Назариявӣ | Амалӣ | Ҳамагӣ |
| 1. | Маълумоти умумӣ дар бораи қолинбофии дастӣ ва аҳамияти он | 2 | - | 2 |
| 2. | Маҳсулоти қолинбофӣ; тартиби коркард ва ресидани пашм | 1 | 1 | 2 |
| 3. | Намудҳои калоба: пашмӣ, пахтагӣ, синтетикӣ ва коркарди онҳо | 1 | 1 | 2 |
| 4. | Шиносоӣ бо дастгоҳи қолинбофии дастӣ ва тарзи кори он | 1 | 1 | 2 |
| 5. | Намудҳои сихҳои қолинбофӣ. Риштаҳо ва рангубор кардани онҳо | 1 | 1 | 2 |
| 6. | Намудҳои маснуоти қолинӣ: қолинҳои патдор ва бепат. Техникаҳои нисбатан маъмули қолинбофӣ | 1 | 1 | 2 |
| 7. | Ороишоти амалӣ ва мазмуннок. Нусхаи техникӣ ва нақш дар қолин | 1 | 1 | 2 |
| | Ҳамагӣ | 8 | 6 | 14 |

## Нақшаи тақвимӣ
## аз фанни технология (таълими меҳнат) оид ба мавзӯи «Бофтан аз масолеҳи табиӣ»

| № | **Номгӯи мавзӯъҳо** | Соат |
|---|---|---|
| 1. | Маълумоти мухтасар оид ба ҳунари бофандагӣ аз масолеҳи табии маҳаллӣ | 1 |
| 2. | Риояи талаботи техникаи бехатарӣ ва санитариву гигиенӣ дар рафти кор. | 1 |
| 3. | Асбобу анҷомҳо барои бофтан. Интихоби ресмон, сихакҳо (спицы) барои бофтан | 1 |
| 4. | Бофтан аз масолеҳи табиӣ<br>Намуд ва тарзҳои бофтан, дарси амалӣ | 1 |
| 5. | Амалиёти бофтани сабадча | 2 |
| 6. | Харитаи технологии бофтани сабадча | 2 |
| 7. | Бофтани ҷуроб бо ёрии сихакҳо | 2 |
| 8. | Бо илова аз ду ва ё зиёда ранги ресмон (ришта) бофтани ҷуроб | 2 |
| 9. | Амалиёти хотимавии коркарди ҷуроб | 2 |
| 10. | **Ҳамагӣ:** | **14** |

## **Адабиёти истифодашуда:**

1. Алексеева В. В. «Что такое искусство?»-Т.1.-М.,1973; Т.2.-М.,1979.
2. Выгодский Л. С. «Психология искусства» - М., 1965.
3. Гусакова А. М. «Рукоделие в начальных классах»-М. Просвещение, 1964-192 с.ил.
4. Дадобоева М.Н. Ҳасанов С. «Кашидадӯзӣ», Меъроҷ. 2011,44с.
5. Дадобоева М.Н. «Технологияи рангубори ресмонҳо ва намудҳои дӯхт» Авангард, 2012,45с.
6. Крысина О.Г. «Вышивание»- М. : Советская Россия, 1959, 72с.
7. Пучкова Г.П. Болотина А.А. Вышивка и вязание (методические рекомендации). М.1889.~ 16 ~